**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №________________________________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 24-уми декабри соли 2024, №3**

Барои сазовор донистани Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ. Диссертатсия дар мавзӯи “Мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо усули селексияи дохилизотӣ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, ба ҳимоя 17 октябри соли 2024 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ қабул карда шуд, протоколи №2 (734067, ш. Душанбе, кучаи Гипрозем -17 бо фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, № 146/шд. аз 26 апрели соли 2024).

Довталаб Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, 8 феврали соли 1988 дар ноҳияи Фархор таваллуд шудааст, соли 2010 Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур факултети зооинженериро бо ихтисоси «Технологияи истеҳсолот ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ (чорводорӣ)» хатм намудааст. Аз соли 2010 фаъолияти меҳнатиашро ба ҳайси лаборанти кафедраи технологияи коркарди маҳсулоти чорводории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур оғоз намуда, солҳои 2011-2014 аспиранти шуъбаи рӯзонаи кафедраи Зотпарварӣ ва генетикаи ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ, солҳои 2014-2015 ассистенти кафедраи технологияи коркарди маҳсулоти чорводории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, солҳои 2015-2016 ходими хурди илмии озмоишгоҳи селексия ва технологияи гусфанди зоти тоҷикии Институти чорводории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, солҳои 2016-2021 муовини директор оид ба истеҳсолоти Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ, солҳои 2021-2022 директори Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорвои АИКТ кор кардааст. Аз соли 2022 то инҷониб дар вазифаи мувини ректор оид ба иқтисод ва хоҷагидории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи зотпарварӣ ва генетикаи ҳайвоноти хоҷагии қишлоқи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҳимов Шарофҷон Тоирович- доктори илмҳои кишоварзӣ, мудири озмоишгоҳи биотехнологияи инноватсионии Маркази ҷумҳуриявии биотехнологияи чорвои Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ.

**Муқарризони расмӣ:**

Рузибаев Нураддин Раҳимович - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, мудири шуъбаи Оҳангарони институти илмӣ – таҳқиқотии чорводорӣ ва парандапарварии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Шокирӣ Камолиддин Маҳмадалӣ - номзади илмҳои кишоварзӣ, роҳбари ҶДММ “ДиЭйАй” Глобал дар Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Институти илмӣ – таҳқиқотии чорводорӣ ва истеҳсоли хӯрокаи Қазоқистон дар хулосаи мусбати худ, ки онро эксперт Кенҷабаев Темерхан - номзади илмҳои кишоварзӣ, ходими калони илмии шуъбаи гӯсфандпарварии Институти илмӣ – таҳқиқотии чорводорӣ ва истеҳсоли хӯрокаи Қазоқистон, инчунин котиби илмии ҳамин институт, номзади илмҳои кишоварзӣ Тажиева А.К. имзо гузоштаанд ва онро директори муассиса, доктори илмҳои кишоварзӣ профессор Тореханов А.А. тасдиқ намудааст, қайд шудааст, ки аз рӯйи муҳиммият, навгонии илмӣ, ҳаҷм ва сифати вазифаҳои иҷрошуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, сахеҳият ва асоснокии хулосаҳо, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ сазовор мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дорои 7 интишороти илмӣ, оид ба мавзӯи диссертатсия буда, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА, назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

**Интишороти асосӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**


1. **Абдураҳимов Х.Ҷ.** Таъсири шароити нигоҳубин ва хӯронидан ба маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва дурагаҳои он/Абдураҳимов Х.Ҷ//Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон:2020. - № 4 (66). -С. 53-55.
2. **Абдураҳимов Х.Ҷ.** Усулҳои дохилизотии муккаммалгардонии маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ/Абдураҳимов Х.Ҷ// Кишоварз.- 2020, № 4 (89). С. 83-85.

3. **Абдураҳимов Х.Ҷ.** Инкишофи индивидуалии гӯсфандони зоти тоҷикӣ вобаста аз авлодҳои мавҷуда/Абдураҳимов Х.Ҷ.// Кишоварз: 2021, № 4 (93). -С. 74-77.

**Мақолаҳо дар маҷмӯи маводҳои конференсияҳо.**

4. **Абдураҳимов Х.Ҷ.** Маҳсулоти гӯштии қӯчқорҳои зоти тоҷикӣ ва дурагаҳои он. /Абдураҳимов Х.Ҷ., Раҳимов Ш.Т., Раҷабов Н.А.// Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсия Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шохтемур дар мавзӯи" Рушди инноватсионии соҳаи чорводорӣ ва нақши он дар таъмини амнияти озуқаворӣ". Душанбе - 2021, -С. 126-128.

5. **Абдураҳимов Х.Ҷ.** Ҳолати муосири зоти гӯсфандони сергӯшту серравған ва серпашми тоҷикӣ/Абдураҳимов Х.Ҷ., Раҳимов Ш.Т., Қосимов Р.Б. // Конференсияи байналмиллалии илмию-амалии Инстиути чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ "Ҳолат ва дурнамои мукаммалгардонии хусусиятҳои ирсию маҳсулнокии гӯсфандони зотҳои думбадор", Душанбе 2021, -С. 206-209.

6. **Абдураҳимов Х.Ҷ.** Маҳсулнокии пашмии гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз рӯи авлодҳо /Абдураҳимов Х.Ҷ., Раҳимов Ш.Т., Раҷабов Н.А.//Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи илмӣ амалии байналмилалии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шохтемур дар мавзӯи" Технологияи инноватсионии истеҳсол, коркарди маҳсулоти чорводорӣ , парандапарварӣ, моҳипарварӣ дар ҶТ". Душанбе 2022, -С. 112-114.

7. **Абдураҳимов Х.Ҷ.** Использование гиссарской породы при создание таджикской мясо-сально-шерстной породы овец: современная ее характеристика/Рахимов Ш. Т., Ҷамшедзода,Х.Ҷ., Раджабов Н.А. // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ "Дастовардҳои селексионӣ оид ба такмили гӯсфанди зоти ҳисорӣ ва нақши он дар офаридани зоту типҳои нав". Душанбе,2023, -С. 42-52.

Дар мақолаҳои чопшуда натиҷаи таҳқиқоти илмӣ доир ба мукаммалгардонидани сифатҳои махсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ ва баланд бардоштани сифатҳои зотии онҳо, тархрезӣ намудани усулҳои селексияи дохилизотӣ гузаронидани корҳои селексионӣ оварда шудааст. Таҳқиқоти мазкур ба гузаронидани омӯзишҳо оид ба муайян намудани афзоиши рушд ва инкишофи гӯсфандони зоти гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷикӣ дар давраи онтогенез вобаста ба интихоб ва хостагирии онҳо аз рӯйи авлодҳои мавҷуда дар дохили зот, омӯхтани самаранокии ҷуфткунонии меш ва қӯчқорҳо аз рӯйи мансубияти онҳо ба авлод ва таъсири он ба сифати насл, маҳсулнокии гӯштию пашмӣ ва дар ин

асос кор карда баромадани самаранокии селексияи дохилизотӣ аз рӯйи авлодҳо иборат мебошад, оварда шудааст.

Ба диссертатсия ва автореферат 6 тақризи мусбӣ ворид шудааст аз:

1. Двалшивили Владимир Гиоргиевич - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, ходими пешбарандаи илмии шуъбаи зотпарварӣ, генетика ва селексияи гӯсфандпарварии Маркази федеролии чорводории институти умумиросиягии ба номи академик Эрнст Л.К. Федератсияи Россия, эрод надорад.

2. Иолчиев Байлар Садрдинович - доктори илмҳои биологӣ, ходими пешбари илмии Институти зотпарварии шаҳри Масква, эрод надорад.

3. Амиршозода Файзулло Сафар - доктори илмҳои биологӣ, узви вобастаи АИКТ, ноиби президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, чунин эрод ҷой дорад, нишон додани ратсиони хӯронидани гӯсфандон дар хоҷагиҳо ҳангоми фасли зимистон мувофиқи мақсад мебуд.

4. Шарипов Абдурашит - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи парандапарварӣ ва занбуриасалпарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур; эрод надорад.

5. Юсупов Дилшод - номзади илмҳои кишоварзӣ, декани факултети биология ва химияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ; эрод надорад.

6. Атовуллозода Раҷабалӣ – номзади илмҳои ветеренарӣ, директори Инстититути тибби ветеренарии АИКТ; эрод надорад.

Дар тақризҳо мубрамии мавзӯи таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии таҷрибаҳои гузаронидашуда зикр гардида, ҳамчунин қайд шудааст, ки диссертатсияи Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшед дар дараҷаи баланди методӣ иҷро шуда, кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои сазовор гаштан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.07 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ арзанда аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо бо дастовардҳо ва интишороти илмиашон оид ба масъалаи беҳтар кардани сифатҳои маҳсулнокӣ ва нишондодҳои зотии гӯсфандони зотҳои думбадор ва бо коркаҳои илмиашон дар ин самт маълуманд, доир ба мавзӯи диссертатсия мақолаҳои илмӣ доранд ва бинобар ҳамин метавонанд диссертатсияро аз рӯйи муҳиммият, арзиши илмӣ ва амалии он холисона баҳо диҳанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи унвонҷӯи дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- **коркард карда шуд** консепсияи илмӣ, ки усулҳои селексионии баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокӣ ва нишондодҳои зотии гӯсфандони зоти гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷикиро дар хоҷагиҳое, ки ба парвариши ин зот машғуланд бо истифодаи усули селексияи дохили зотӣ ғанӣ мегардонад;

- **пешниҳод шудааст** ақидаҳои асили вобаста ба мавзӯи эълоншуда тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок доир ба самаранокии истифодаи усули селексияи дохили зотӣ бо мақсади баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ;

- **исбот шудааст** имконияти дар оянда истифода шудани усули селексияи дохили зотӣ пешниҳодҳои нав дар илм ва истеҳсолот мавҷуд набудани тавсияҳои методии муайян доир ба чораҳои мукаммал гардонидани сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** **исбот намудани** самаранокии истифодаи усули селексияи дохилизотӣ брои баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зотӣ тоҷикӣ.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок истифода бурдани** маҷмӯи методикаҳо ва методҳои муосири базавии мавҷудбудаи таҳқиқоти илмӣ ва таҳлилҳои дар соҳаи илмҳои кишоварзӣ, аз ҷумла чорводорӣ истифода мешуда. Дар рафти таҳқиқот методҳои маъмули таҳқиқи зоотехникӣ, рушду инкишоф, маҳсулнокии гӯштию равғанӣ, сифатҳои бӯрдоқишавии қӯчқорбарраҳо, сифатҳои сергӯштӣ ва серравғанӣ, таркиби химиявии гӯшт ва равғани думба, дарозии табиии пашм, истифода шудаанд;

- **баён шудани** исботи истифодаи самаранокии иқтисодӣ оид ба мукаммалгардонии маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ бо истифодаи авлодҳои дохилизотӣ, дар синни 18,0 моҳагӣ аз фӯрӯши қӯчқорбараҳои наслии аз ҷуфтикунонии авлодҳои I × IV ба даст овардашуда даромади иловаги, ки 396 сомониро ташкил медиҳад гирифта шудааст. Ин нишондод дар авлоди X × VIII ба –318 сомонӣ баробар аст;

- **ошкор гардидани** мақсаднок ва самаранокии истифодаи усули селексияи дохили зотии мукаммалгардонии сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зотӣ тоҷикӣ;

- **омӯхта шуданд** ҳолати муосири сохтори генеологии зот, интихоб ва хостагирии ҷуфтҳои волидайнӣ аз рӯйи авлодҳо, омӯзиши расиш ва инкишофи ҷавонаҳои аз усулҳои гуногуни интихоб ва ҷуфтикунонӣ ба даст овардашуда, муайян намудани маҳсулнокии гӯштӣ ва пашмии

наслҳо, усулҳои зиёд гардонидани саршумори зот бо истифодаи усули ҷуфтикунонии байнизотӣ, муайян намудани самаранокии иқтисодии усулҳои гуногуни таҳқиқот;

**- аз нав такмил додани** усулҳои баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки коркард ва ҷорӣ карда шудаанд** тавсияҳо оид ба баланд бардоштани маҳсулнокии гӯштию равғании гӯсфандони зоти тоҷикӣ, беҳтар кардани сифати гӯшту равғани думба ва натиҷаҳои онҳо дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназаров ва Парваришгоҳи давлатии гӯсфандони зоти тоҷикии ноҳияи Хуросони Вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ шудааст;

**- муайян карда шуд** ояндаи истифодаи амалиявии назария дар истеҳсолот усули селексияи дохилизотии баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ;

**- офарида шуд** системаи тавсияҳои таҷрибавӣ доир ба усули дохилизотии баланд бардошгтани сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикӣ;

**- муаррифӣ карда шуд** пешниҳодҳо барои такмили минбаъдаи усулҳои баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зотӣ тоҷикӣ;

**- пешниҳод карда шуд** тавсияҳои илмию методӣ оиди ба роҳ мондани усулҳои самарабахши селексионии баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандони зотӣ тоҷикӣ.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки барои корҳои таҷрибавӣ** натиҷаҳо дар дастгоҳҳо ва таҷҳизотҳои сертификатдор ба даст омадаанд, андозагузориҳо асоснок шуданд, натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои олимони соҳа доир ба мавзӯъ мувофиқат мекунанд;

**- назария** дар асосҳои далелноки санҷидашуда сохта шудааст, ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқот бо далелҳои интишоршудаи мавзӯи диссертатсия ҳамоҳанг мебошанд;

**- ғоя асоснок шудааст** дар асоси таҳлили амалияи хулосаи таҷрибаи пешқадами муаллифони хориҷӣ ва ватанӣ оиди баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокии гӯсфандон;

**- истифода шудаанд** муқоисаи натиҷаҳои муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада бо адабиёти пешин оид ба мавзӯи диссертатсия;

- **муайян шуданд** миқдоран ва сифатан мувофиқат кардани натиҷаҳои муаллиф бо манбаҳои холис, ки аз рӯйи мавзӯи мазкур оварда шудаанд дар ҳолатҳое, ки ин муқоисаҳо асоснок мебошанд;

**- истифода карда шудаанд** методикаҳои муосири ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳои аввалия маълумоти озмоишии бадастомада бо усули

математикии омори вариатсионӣ (Плохинский Н.А., 1970) бо истифодаи меъёри t-Стюдент бо истифодаи барномаи компютерӣ Microsoft office Excel коркард карда шуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:** Довталаби дараҷаи илмӣ самт ва усулҳои таҳқиқоти интихобкардаи худро аз ҷиҳати назариявӣ мустақилона асоснок намуда, усулҳои мукаммалгардонии сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии гӯсфандони зоти тоҷикиро муайян намуд. Муаллиф усулҳои интихобгардидаи таҳқиқот, ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои илмӣ-хоҷагидориро оид ба омӯзиши самаранокии мукаммалгардонии дохилизотии сифатҳои зотӣ ва маҳсулнокии гӯсфандони зоти гӯшту равғану пашмдеҳи тоҷикиро муайян намуда, маълумотҳои бадастовардашудаи таҷрибавиро ба таври оморӣ коркард карда, натиҷаҳои таҳқиқотро дар нашрияҳо инъикос намудааст.

Муаллиф натиҷаҳо ва маълумотҳои рақамии бадастомадаро ба тартиб даровaрда, ҳисоби математикию статистикӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии натиҷаҳои бадастомадаро гузаронидааст. Диссертатсия ва авторефератро шахсан худаш тартиб додааст.

Дар ҷаласаи 24-уми декабри соли 2024 шурои диссертатсонӣ қарори сазовор донистани Ҷамшедзода Хусрав Ҷамшедро ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 8 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда. Аз 8 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 8, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетени тақсим ношуда – 1.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ Раҷабов Наҷбудин Амиралиевич

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ Шералиев Фируз Ҷалолович
24 декабри соли 2024

Имзои Раҷабов Н.А. ва Шералиев Ф.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири шуъбаи кадрҳои
Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ Асоева С.